آواز تاجیک

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!


Овози тоҷик

13 ноябри соли 2024 Чоршанбе № 91 (15102)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

БА МАҚСАДИ ЯКҶОЯ БАРТАРАФ КАРДАНИ ОҚИБАТҲОИ ТАҒЙИРЁБИИ ҶАҲОНИИ ИҚЛИМ ЯК ҚАТОР ТАШАББУСҲО ПЕШБАРӢ ГАРДИДАНД

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 12 ноябр дар ҷамъомади умумии Нишасти саронӣ ҷаҳон, ки дар доираи сессияи 29-уми Конфронси ҷонибҳои Конвенсияи қолабии Созмони Милали Муттаҳид оид ба тағйирёбии иқлим (COP29) дар шаҳри Боку идома дорад, суханронӣ кард.





Дар чорабинӣ роҳбарони давлатҳо ва ҳукуматҳо, ташкилот ва институтҳои молиявии бонуфузи байналмилалӣ аз беш аз 80 мамлакати ҷаҳон иштирок доранд.

Роҳбари давлатамон дар оғози суханронии худ Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиевро барои бомуваффақият ташкил намудани ин нишасти таърихӣ самимона табрик гуфта, талошҳои фаъоли Озарбойҷонро ҷиҳати густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ бо мақсади мубориза бо таҳдидҳои имрӯзаи иқлим дастгирӣ намуд.

Тавре Саввари давлат таъкид кард, тағйирёбии иқлим имрӯз ба таҳдиди асосии ҷаҳонӣ табдил ёфта, ба пурзӯр гардидани ташаннуҷи геосиёсӣ бевосита таъсир мерасонад.

Мушкилоти мубориза бо камбизоатӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ, истифодаи оби ошомиданӣ ва захираҳо торафт бадтар мешавад.

(Давомаш дар саҳ.2).

МУЛОҚОТҲО БО РОҲБАРОНИ ҲАЙАТҲОИ ХОРИҶӢ

Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 12 ноябр дар доираи конфронси СММ оид ба тағйирёбии иқлим (COP29), ки дар шаҳри Боку идома дорад, Раиси Шӯрои Аврупо Шарл Мишел, Президенти Финляндия Александр Стубб, Президенти Черногория Яков Милатович, президенти Бонки аврупоии таҷдиду рушд Одил Рено-Бассо, президенти Бонки исломии рушд Муҳаммад бин Сулаймон ал-Ҷассир, директори иҷроияи Фонди иқлими сабз Мафалда Дуэрте, директори генералии Созмони таълим, илм ва фарҳанги ҷаҳони ислом (ICESCO) Салим Ал-Малик, раиси Донишкадаи тағйироти глобалӣ Тони Блэрро қабул кард.





Дар мулоқот бо Раиси Шӯрои Аврупо Шарл Мишел масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкории бисёрҷонибаи кишвари мо бо Иттиҳоди Аврупо баррасӣ шуданд.

Ба қабули ҳарчи зудтари Созишномаи нави шарикӣ ва ҳамкории васеъ, инчунин омодасозии саммити нахустин дар формати «Осиёи Марказӣ - Иттиҳоди Аврупо» таваҷҷуҳи махсус дода шуд.

Дар мулоқот бо Президенти Финляндия Александр Стубб масъалаҳои рушди ҳамкории бисёрҷанбаи Ӯзбекистон-Финляндия баррасӣ гардиданд. Робитаҳои фаъоли сиёсӣ ва байнипарлумонӣ бо қаноатмандӣ қайд карда шуд.

Барои ташаккули рӯзномаи нави иқтисодӣ пешниҳод гардид, ки барномаи рушди кооперативсияи саноатӣ дар металлургия, электротехника, кимиё, телекоммуникатсия ва дигар соҳаҳо тайёр карда шавад.

Ба ин маъно, аҳамияти омодагии ҳамаҷониба ба ҷамъомади навбатии Комиссияи байниҳукуматӣ ва форуми тиҷоратӣ, ки моҳи январи соли 2025 дар шаҳри Ҳелсинки баргузор мешавад, таъкид шуд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон.

СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ШАВКАТ МИРЗИЁЕВ ДАР КОНФРОНСИ СОЗМОНИ МИЛАЛИ МУТТАҲИД ОИД БА ТАҒЙИРЁБИИ ИҚЛИМ (COP29)

Муҳтарам саронӣ ҳайатҳо!

Пеш аз ҳама, бо самимият Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон ҷаноби Илҳом Алиевро бинобар дар сатҳи баланд дар шаҳри зебои Боку ташкил кардани конфронси таърихии имрӯза табрик мегӯям.

Мо комилан аз кӯшишҳои фаъоли Озарбойҷон дар васеъ намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар мубориза бо чолишҳои муосири иқлимӣ дастгирӣ менамоем.

Муҳтарам иштирокчиёни нишаст!

Имрӯз тағйирёбии иқлим ба як чолиши асосии ҷаҳонӣ табдил ёфта, мустақиман ба афзоиши шиддати геосиёсӣ таъсир мерасонад. Масъалаҳои мубориза алайҳи камбизоатӣ, амнияти озуқаворӣ ва энергетикӣ, дастрасӣ ба об ва захираҳо махсусан шадидтар шудаанд.

Мо таъсири онҳоро дар Осиёи Марказӣ сахт эҳсос мекунем. Масъалаҳои иқлимӣ дар беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолӣ ва татбиқи стратегияи рушди миллӣ ба монеаҳои нав табдил меёбанд.

Мақсади асосии мо дар чаҳорчӯби Созишномаи Париж – пешгирӣ кардани афзоиши бесобиқаи ҳарорати ҳаво дар минтақа ва нигоҳ доштани он дар доираи 1,5-2 дараҷа дар ин аср мебошад.

Дар ин самт мо дар Ӯзбекистон ба таври қатъӣ ҷиҳати расидан ба бетарафии карбон ислоҳоти бузургро татбиқ менамоем. То соли 2030 мо ният дорем партовҳои газҳои гулхонаиро 35 фоиз коҳиш диҳем. То соли 2050 омодаем ин ӯҳдадориҳоро васеъ намоем. Ният дорем ҳиссаи энергияи «сабз»-ро то 40 фоиз афзоиш диҳем. Кластерҳои автомобилҳои барқӣ ва гидрогени «сабз», марказҳои истеҳсоли энергияи офтобӣ ва шамолиро созмон медиҳем. Дар чаҳорчӯби барномаи «Макони сабз» майдони сабзро васеъ мекунем.

Бо кишварҳои ҳамсоя Стратегияи иқлимии минтақавиро амалӣ менамоем. Дар ин рӯзҳо созишномаи бисёрҷонибаро оид ба интиқоли энергияи «сабз» ба Аврупо имзо мекунем.

Муҳтарам хонумон ва ҷанобон!

Ӯзбекистон ният дорад саҳми амалии худро дар ҳамкориҳои муштарак барои бартараф намудани таъсири тағйирёбии ҷаҳонии иқлим васеъ намояд.

Якум. Муҳим аст, ки кумаки техникии кишварҳои пешрафта ва институтҳои бисёрҷониба ҷиҳати муайян кардани чолишҳои иқлимие, ки кишварҳои рӯ ба рушд дучор мешаванд, васеъ карда шавад.

Дар ин замина пешниҳод мекунем, ки Маркази байналмилалӣ оид ба арзёбии талафот ва зарари иқлим таъсис дода шавад.

Дуюм. Зарур аст, ки барои пешгирии ифлосшавии захираҳои обии фаромарзӣ ва ҳифзи гуногунии биологии устувор равишҳои ягона муайян карда шаванд.

Дар мисоли минтақаи мо мехоҳам таъкид намоям, ки баҳри Арал дар пеши чашми як насл пурра нобуд шуда, фоҷеаи сатҳи сайёра гардид. Мо ҷонибдори таҳияи Эъломия дар бораи ӯҳдадориҳо оид ба таъмини саломатӣ ва бехатарии экологии экосистемаҳои дарёӣ таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳид ҳастем.

Сеюм. Бо иштироки сохторҳои пешрафта ният дорем Бонки минтақавии захираҳои генетикиро барои баланд бардоштани устуворӣ рустаниҳо ба тағйирёбии иқлим ба кор андозем.

Ният дорем ташаббуси таъсиси Хаби инноватсионии агросаноатии Созмони Милали Муттаҳидро барои давлатҳое, ки ба баҳр роҳ надоранд, дар кишвари худ пеш барем.

Чорум. Пешниҳод мекунем, ки Иттиҳоди пойтахтҳои иқлимии ҷаҳон барои интиқоли дониш ва таҷрибаҳои пешрафта дар соҳаи рушди устувори мегаполисҳо ва шаҳрҳо, ки аз тағйирёбии иқлим осеб мебинанд, таъсис дода шавад ва форуми аввалини онро дар шаҳри Тошканд баргузор намоем.

Панҷум. Мо мунтазири намояндагони кишварҳои шумо дар Фестивали ҷаҳонии ҷавонони ташаббусҳои рақамии «сабз», ки 15 майи соли оянда дар минтақаи назди Арал – Рӯзи байналмилалии иқлим баргузор мешавад, мебошем.

Муҳтарам иштирокчиёни нишаст!

Бори дигар таъкид менамоям, ки Ӯзбекистон ҳамеша барои муколама ва шарикӣ дар роҳи беҳбудии умумӣ ва рушди «сабз» омода аст.

МУЛОҚОТҲО БО РОҲБАРОНИ ҲАЙАТҲОИ ХОРИҶӢ

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба мустаҳкамсозии табодулҳо дар соҳаи таълим ва экология, аз ҷумла ба дурнамои иштироки фаъолонаи Финляндия дар фаъолияти Бунёди трасти СММ барои назди Арал таваҷҷӯҳи махсус дода шуд.

Нақшаи вохӯриҳои ояндаи сатҳи олӣ баррасӣ гардиданд.

Дар мулоқот бо Президенти Черногория Яков Милатович роҳҳои роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилан судманд дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоративу иқтисодӣ, фарҳангиву башардӯстӣ ва сайёҳӣ баррасӣ шуданд.

Барои таҳияи рӯзномаи иқтисодӣ пешниҳод шуд, ки Комиссияи байниҳукуматӣ таъсис дода, нахустин ҷамъомади он бо анҷумани тиҷоратӣ соли оянда дар Тошканд баргузор шавад.

Бар замми ин созишномаҳои асосӣ оид ба ҳамкории тиҷоративу иқтисодӣ ва ҳифзи сармоягузорӣ омода шуда, «харитаи роҳ» оид ба рушди кооперативи саноатӣ дар самтҳои афзалиятнок таҳия карда мешавад.

Ҷадвали мулоқотҳои сатҳи олии оянда низ баррасӣ гардид.

Дар мулоқот бо президенти Бонки аврупоии таҷдиду рушд Одил Рено-Бассо ҷанбаҳои амалии тавсеаи ҳамкориҳои ҳамаҷониба бо ин институти бонуфузи байналмилалии молиявӣ баррасӣ шуданд.

Бо камоли қаноатмандӣ қайд гардид, ки сармояи бонк ба кишвари мо аз 5 миллион евро гузашт. Аз рӯи ин нишондиҳанда Ҷумҳурии Тоҷикистон бузургтарин шарики БАТР дар ин минтақа ба шумор меравад.

Бо иштироки фаъолонаи бонк чорабиниҳо оид ба хусусигардонӣ дар сектори бонк амалӣ шуда, пойгоҳи меъёриву ҳуқуқӣ дар соҳаи сармоягузорӣ ва истифодаи сарватҳои зеризаминӣ такмил дода мешавад.

Саръвари давлатамон ба масъалаҳои баланд бардоштани сифати тайёрӣ ва натиҷадиҳии лоиҳаҳо таваҷҷуҳи алоҳида зоҳир намуд.

Дар маркази таваҷҷуҳ татбиқ ва ғанигардонии минбаъдаи Стратегияи шарикӣ байни Ӯзбекистон ва БАТР қарор дорад. Татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои нав дар соҳаи самаранокии энергетикӣ, рушди тиҷорати хурд ва миёна, соҳибкории занон ва ҷавонон, ҷорӣ кардани механизмҳои шарикии давлатию хусусӣ дар сектори иҷтимоӣ ва инфрасохтор, инчунин рушди шаҳрҳои «сабз» ҳамчун афзалиятҳои ҳамкорӣ муайян шуданд.

Ҳамчунин оид ба масъалаҳои тайёрӣ ва баргузор намудани ҷамъомади навбатии Шӯрои сармоягузорони хориҷӣ дар соли оянда табодули афкор сурат гирифт.

Дар мулоқот бо президенти Бонки исломии рушд Муҳаммад бин Сулаймон ал-Ҷассир масъалаҳои густариши минбаъдаи ҳамкорӣ бо ин институти бонуфузи байналмилалии молиявӣ баррасӣ шуданд.

Саръвари давлати мо ба рушди босуръати шарикӣ бо БИР баҳои баланд дод. Моҳи марти соли равон дар Тошканд бо иштироки ниҳодҳои бонуфузи молиявии дунёи исломӣ ҷамъомади Гурӯҳи ҳамоҳангсози араб таҳти роҳбарии ин бонк бомувофақият баргузор гардида буд.

Сандуқи лоиҳаҳо бо БИР беш аз 4 миллиард долларро ташкил дод, ки 40 фоизи онҳо ба бахши хусусӣ рост меоянд.

Сармояи фонди муштараки тавсеаи имкониятҳои иқтисодии Ӯзбекистон, ки бо иштироки бонк таъсис дода шудааст, пайваста ташаккул меёбад.

Ба густариши ҳамкории амалӣ оид ба татбиқи лоиҳаву барномаҳои нав дар соҳаи таълим, тандурустӣ, инфрасохтор, экология, соҳибкорӣ, сафарбаркунии сармояҳои хусусӣ, фаъол ҷалб намудани сохторҳои бонк ба фаъолияти лоиҳавӣ таваҷҷуҳи ҷудогона дода шуд.

Инчунин, оид ба масъалаи иштироки БИР дар маблағгузории лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ дар соҳаи саноат ва истихроҷи маъданҳои кишвари мо табодули афкор сурат гирифт.

Дар мулоқот бо директори иҷроияи Хазинаи иқлими сабз Мафалда Дуэрте масъалаҳои таҳкими минбаъдаи ҳамкорӣ дар татбиқи лоиҳаҳо ва барномаҳои муштарак оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани таъсири он баррасӣ шуданд.

Ба дастгирии фонд барои рушди иқтидори ташкилотҳои соҳавии Ӯзбекистон ва таҳияи нақшаҳои миллии мутобиқшавӣ баҳои баланд дода шуд.

Айни замон сандуқи лоиҳаҳои муштарак 160 миллион долларро ташкил дода, самтҳои афзалиятнок, аз қабили идоракунии захираҳои об, рушди энергияи сабз, маблағгузории сабз ва як қатор соҳаҳои дигарро дар бар мегирад. Илова бар ин, ду лоиҳаи минтақавӣ ба маблағи 5 миллиард доллар ва се лоиҳаи миллӣ ба маблағи 500 миллион доллар таҳия мешаванд.

Дар бораи таҳкими минбаъдаи ҳамкориҳо, аз ҷумла тавассути татбиқи барномаҳои кабудизоркунии инноватсионӣ ва идоракунии устувори замин, беҳбуди вазъи иҷтимоию экологии минтақаи баҳри Арал тавофуқ ҳосил шуд.

Дар мулоқот бо директори генералии Созмони маориф, илм ва фарҳанги Ҷаҳони исломӣ (ICESCO) Салим ал-Малик масъалаҳои густариши ҳамкориҳои амалӣ ва пешбурди лоиҳаҳои муштараки башардӯстона баррасӣ шуданд.

Муҳимияти зудтар таъсис додани комиссияи миллӣ оид ба ҳамкорӣ бо ICESCO қайд гардид.

Дар мулоқот бо раиси Пажӯҳишгоҳи тағйироти ҷаҳонӣ Тони Блэр дурнамои рушди минбаъдаи муносибатҳои Ӯзбекистону Британия, инчунин масъалаҳои бароҳ мондани шарикии амалӣ бо ин созмон баррасӣ шуданд.

Собиқ Сарвазири Британияи Кабир ба барномаи васеъмиқёси ислоҳоти бебозгашт, ки дар Ӯзбекистони Нав татбиқ мегардад, баҳои баланд дода, омодагии худро барои пешниҳоди кумаки коршиносӣ ва машваратӣ дар татбиқи онҳо изҳор намуд.

Рушди долонҳои нақлиётӣ, дастрасӣ ба бозорҳои нав, ҷорӣ намудани низоми пардохтҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани самаранокии сиёсати сармоягузорӣ ва ғайра чун самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ бо донишкада зикр шуданд.

Дар мавриди баргузории вохӯриҳои иловагӣ дар сатҳи коршиносони бахшҳои дахлдор ҷиҳати муайян намудани самтҳои мушаххаси ҳамкорӣ тавофуқ ҳосил шуд.

ЎзА.

Таҳаммулпазирӣ яке аз арзишҳои олитарини мардуми мо ба шумор меравад. Агар ба таърих назар афканем, дар замони қадим корвонҳои тиҷорӣ, ки аз Аврупо, Ҳиндустон, Чин ва Эрон меомаданд, тавассути Роҳи бузурги абрешим аз ҳудуди мамлакати мо мегузаштанд, ки корвонсаройҳо ба маркази ҳақиқии таҳаммулпазирӣ табдил ёфта буданд.



ТАҲАММУЛПАЗИРӢ АРЗИШИ МИЛЛИИ МОСТ

Тавсифи бародариву баробарӣ, меҳру оқибат ва дӯстиву рафоқат дар зарбулмасалу мақолҳо, афсонаву достонҳои халқӣ бештар ба назар мерасанд, ки маҳз тараннуми ғояҳои таҳаммулпазирӣ ба шумор меравад. Боз як мисоли дигар, солҳои Ҷанги дуюми ҷаҳон ҳарчанд ҳолати иқтисодиву моддии мардум хуб набуд, гузашта аз ин дар мамлакат қаҳтиву гушнагӣ дар авҷ буд, мардуми мо ба ҳазорон нафар занону пиронсолону бачаҳои бепарастор, ки аз мавзеъҳои нооромии собиқ Иттиҳод омада буданд, аз хонаводаи худ ҷой дод, ки саховатпешаву инсонпарварии онҳоро бори дигар собит намуда буд.

Таҳаммулпазирӣ тамоюлест, ки дӯстии халқҳо, осудаҳолии мардум, ҳамчун шахси комил ба воя расидани насли наврас ба он вобаста аст. Ҳоло дар мамлакати мо намояндагони зиёди миллату халқиятҳо аҳлу тифоқ умргузаронӣ мекунанд, чандин ташкилоту конфессияҳои динӣ низ дар фаъолият аст, ки ин низ намунаи равшани таҳаммулпазирии давлати мост.

Аз соли 1997 инҷониб, аз рӯйи қарори Сарассамблеяи СММ 16 ноябр ба сифати «Рӯзи байналхалқии таҳаммулпазирӣ» ҷашн гирифта мешавад, ки таҷлили ин сана дар мамлакати мо низ анъана шудааст. Аз соли 2019 бошад, бо ташаббуси роҳбари давлатамон Рӯзи таҳаммулпазирӣ ба тарзи ҳафтаина ҷашн гирифта мешавад. Дар доираи ҳафтаинаи имсола бошад, баргузор гардидани ҷамъомади пресс-клуби байналхалқӣ, суҳбатҳои мизи мудаввар, конфронс ва дигар чорабиниҳои маданиву маърифӣ ва илмиву амалӣ ба нақша гирифта шудааст, ки ташкилотчиёни он Кумитаи муносибатҳои байналхалқӣ ва робитаи дӯстӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ, Кумитаи оид ба корҳои дин ва ғайра мебошад.

11 ноябр дар медиа-маркази телевизиони миллии Ӯзбекистон нахустин ҷамъомади ҳафтаина таҳти мавзӯи «Ӯзбекистон – мамлакати таҳаммулпазир» баргузор гардид. Дар он ҷонишини раиси Кумитаи муносибатҳои байналхалқӣ ва робитаи дӯстӣ бо мамлакатҳои хориҷӣ Азамат Тошев, ҷонишини раиси Кумитаи оид ба корҳои дин Давронбек Махсудов, ректори Академияи байналхалқии исломии Ӯзбекистон Уйғун Ғафуров, раиси Маркази фарҳанги туркмани ҷумҳурӣ Гулдана Авезвердиева иштирок карданд.

Баромадкунандагон доир ба нақша ва мақсад аз баргузории ҳафтаина фикру ақидаҳои худро изҳор намуданд. Таъкид гардид, ки туфайли сиёсати оқилонаи ҳукумат дар мамлакатамон баробари дини мубини ислом 16-то конфессияи динӣ низ ҳамчиҳат фаъолият мебаранд, таъмеюлҳои таҳаммулпазирӣ дар Сарқонуни мо пурра акси худро ёфта, ба шаҳрвандони кишвар новобаста аз мансубияти миллӣ, этникӣ ва динии онҳо ҳуқуқҳои баробар дода шудааст. Яке аз самтҳои муҳим ва устувори сиёсати миллии давлатамон низ шароит ва имкониятҳо фароҳам овардан барои рушду равнақи ҳамаи халқиятҳо, мустаҳкам намудани муносибатҳои байнимиллӣ мебошад. Инчунин, ҷамъомадагон бобати дар насли наврас ба ҷавонон мустаҳкам намудани ҳисси ватанпарварӣ, масъулияти шаҳрвандӣ, такмил додани маданияти муомила бо миллату халқиятҳо суҳан ронданд.

Набия НОДИРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

БА МАҚСАДИ ҶАҚҚОЯ БАРТАРАФ КАРДАНИ ОҚИБАТҲОИ ТАҒЙИРЁБИИ ҶАҲОНИИ ИҚЛИМ ЯК ҚАТОР ТАШАББУСҲО ПЕШБАРӢ ГАРДИДАНД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Оқибатҳои тағйирёбии иқлимро Осиёи Марказӣ шадидан эҳсос мекунад.

Онҳо садди роҳи беҳзосизи сатҳи зиндагонии мардум ва амалӣ гардонидани стратегияҳои миллии тараққиёти мамлакат мегарданд.

Дар доираи Созишномаи Париж мақсади асосӣ – пешгирӣ аз афзоиши босуръати ҳарорати ҳаво дар минтақа, дар садаи ҷорӣ дар ҳудуди 1,5-2 дараҷа нигоҳ доштани ин нишондодҳо мебошад.

Дар ин самт дар Ӯзбекистон барои ноил шудан ба бетарафии карбон ислоҳоти васеъмиқёс амалӣ мегардад. То соли 2030 аз се як ҳисса кам кардани партовҳои газҳои гулхонаӣ ба ҳаво ба нақша гирифта шудааст. Ин ӯҳдадориҳо то соли 2050 боз ҳам васеътар мешаванд. Ҳиссаи энергияи «сабз» ба 40 фоиз мерасад.

Электромобилҳо ва кластерҳои истеҳсоли водороди «сабз» бунёд мегарданд, хабҳои генератсияи офтоб ва шамол сохта мешаванд. Дар доираи барномаи «Макони сабз» минтақаҳои сабзазор васеъ карда мешавад.

Якҷоя бо мамлакатҳои ҳамсоя Стратегияи минтақавии иқлим амалӣ мегардад. Дар ин рӯзҳо дар бораи ташкили интиқоли энергияи «сабз» ба Аврупо созишномаи бисёрҷониба имзо мешавад.

Бо мақсади якҷоя бартараф кардани оқибатҳои тағйирёбии ҷаҳонии иқлим роҳбари Ӯзбекистон як қатор ташаббусҳоро ба миён гузошт.

Аз ҷумла, бо мақсади васеъсозии дастгирии техникӣ ва молиявии давлатҳои пешрафта, ниҳодҳои бисёрҷониба ва конвенсияҳо барои таҳлили танқидӣ ва арзёбии молиявии хатарҳои иқлимӣ, ки мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ дучор мегарданд, таъсиси Маркази байналмилалии арзёбии талафот ва зарарҳо ба туфайли иқлим пешниҳод карда шуд.

Саръвари давлат бо зикри зарурати таҳияи равишҳои ягона дар масъалаҳои кам кардани хатарҳои марбут ба ифлосшавии муҳити зист, гуногунии устувори биологӣ ва захираҳои обии фаромарзӣ ташаббуси таҳияи Эъломия дар бораи ӯҳдадориҳо дар соҳаи таъмини якпорчагӣ ва бехатарии экологии экосистемаҳои дарёҳоро таҳти сарпарастии Созмони Милали Муттаҳидро пешбарӣ кард.

Инчунин, барои афзунсозии тобоварии растаниҳо ба иқлим дар Ӯзбекистон таъсиси Бонки минтақавии захираҳои генетикӣ ва барои мамлакатҳое, ки роҳи ба баҳр баромаданро надоранд, хаби инноватсионии агросаноатии СММ пешниҳод гардид.

Барои табодули таҷриба ва дониш, амалиётҳои беҳтарин дар соҳаи рушди устувори мегаполисҳо ва шаҳрҳое, ки аз тағйирёбии иқлим зарар мебинанд, фароҳам овардани шароити мусоид баҳри зист ташаббус дар бораи таъсиси Иттиҳоди пойтахтҳои иқлимии ҷаҳон ва дар шаҳри Тошканд гузаронидани форуми нахустини он ба миён гузошта шуд.

Президент намояндагони мамлакатҳои COP29-ро барои иштирок дар Фестивали ҷаҳонии ҷавонони ташаббусҳои рақамии «сабз», ки соли оянда 15 май – Рӯзи байналмилалии иқлим дар назди Арал гузаронида мешавад, даъват кард.

Президент Шавкат Мирзиёев дар анҷоми суханронии худ таъкид кард, ки Ӯзбекистон ҳамеша ба мулоқоти кушод ва шарикии амалӣ дар роҳи фаровонии умумӣ ва рушди дарозмуддати “сабз” омода аст.

Сафари корӣ Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба Ҷумҳурии Озарбойҷон идома дорад.

ЎзА.

ДАР НАЗДИ АРАЛ АКСИЯИ «МАКОНИ САБЗ» САР ШУД

Дар ҳудуди шаҳри Нукус чорабиниҳои густурда дар доираи аксияи «Макони сабз» оғоз ёфтанд.

Дар он ҷавонон, нуроният, зану духтарон, кормандони муассисаву ташкилотҳо, ки нияти саҳм гузоштан дар ободиву фаровонии мамлакатро доранд, бо нияти нек ниҳол шинонданд.

Дар чорабинӣ раиси Ҷоқарғи Кенгеси Ҷумҳурии Қароқалпоқистон Аманбай Оринбоев иштирок намуда, зарурати таъмини тозагии муҳити зист ва дар ҳамҷиҳатӣ бо мардуми мамлакат бунёд кардани минтақаҳои сабзро таъкид кард.

Дар мавсими тирамоҳи имсола дар доираи лоиҳаи «Макони сабз» шинонидани 5 миллиону 250 ҳазор бех ниҳоли дарахтони манзаравӣ ва мевадиҳанда дар назар аст. Бо мақсади дар сатҳи баланд ташкил намудани ин чорабиниҳо захираи 6 миллиону 536,8 ҳазор бех ниҳоли манзаравию мевадиҳанда ташкил карда шуд.

Имрӯзҳо дар шаҳру ноҳияҳо 1403 гектар майдони кушод ва канораҳои кӯчаҳо муайян гардида, корҳои ободонӣ ва кабудизоркунӣ оғоз гардид.

Довуд АБИБУЛЛОЕВ,
мухбири ЎзА.

Ба ҳар коре, ки ҳиммат баста гардад,
Агар хоре бувад гулдаста гардад.

МУАЛЛИМИ ТАШАББУСКОРУ ОБОДГАР

Воқеан, чунин маъноро, ки дар байти шоир тавсиф гардидааст, дар ҳар лаҳзаи ҳаёт эҳсос кардан мумкин аст. Масалан, дар мактаби таълими умумии рақами 11-уми ноҳияи Сӯх. Дар ин мактаб 12 синфи ибтидоӣ дар бинои алоҳида, дар ду баст таҳсил мегиранд. Корҳои таълимиву тарбиявии онҳо мувофиқи талабот роҳандозӣ гардида, омӯзгорон мекӯшанд то хурдсолонро таълиму тарбияи нек диҳанд. Байни омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ муаллим Султонҷон Сидиров бо ташаббуси накӯ, фидокориву ғамхорӣ ба соҳаи таълим ва донишомӯзон дар байни мардум ном баровардааст. Мавсуф 14 сол инҷониб ба кори педагогӣ машғулу баробари ба донишомӯзон таълим додан, дар корҳои ободонии мактаб низ саҳмгузорӣ мекунад.

Чанде пеш таҳти ташаббуси устоди арҷманд роҳи долон, ки 22 метр дарозӣ ва қариб 4 метр бар дорад ва барои гузаронидани тадбирҳои фарҳангӣ ва ба истироҳати бофароғати муаллимону донишомӯзон пешбинӣ гардидааст, болопӯш карда шуд.

Бояд гуфт, ки қаблан хонандагон дар рӯзҳои офтобӣ ё боришот, аз танг будани ҷой азият мекашиданд. Ин ҳол ҳатто ба саломатии донишомӯзони хурдсол таъсири манфӣ мерасонд. Аз охири соли хониши 2023-2024 корҳои таъмирӣ оғоз ёфта, дар оғози соли таҳсили 2024-2025 комилан ба охир расид. Алҳол аҳли мактаб аз ташаббуси С. Сидиров ва дастгирии ҳомиёни маҳаллӣ, ки барои болопӯш кардан 20 миллион сӯм ҷудо карданд, хеле хурсанд.

Ҳотамалӣ РАҲМАТОВ.
Вилояти ФАРҒОНА.



Дар мавзӯи муҳим

САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАИ ЗАХИРАҲОИ ОБ МЕАФЗОЯД

Маълум аст, ки норасоии об дар рӯи Замин сол то сол аҳамияти бештари глобалӣ пайдо мекунад. Ин мушкилот дар маркази диққати давлатҳои ҷаҳон қарор дошта, ҳоло ба яке аз масъалаҳои муҳим табдил меёбад.

Хушксолии шадид ва гармии ғайримуқаррарӣ, ки дар фасли тобистон мушоҳида мегардад, боиси камшавии оби ошомиданӣ ва обёрӣ мешавад. Дар натиҷа зироатҳои кишоварзӣ, ҳосилнокӣ хеле кам гардида, нархи маҳсулоти хӯрокворӣ меафзояд.

Ин ҳама омилҳо ба амнияти озуқаворӣ дар минтақа низ таҳдид мекунанд. Гармшавии глобалӣ ва пурзӯр гардидани рақобат ба захираҳои об дар минтақа фишор меорад. Бинобар ин, солҳои охир дар мамлакати мо ба масъалаи истифодаи оқилонаи захираҳои об эътибори алоҳида дода мешавад.

Бахусус, қарори саръвари давлат аз 1 марти соли 2022 «Дар бораи чораҳо оид ба минбаъд такмил додани роҳандозии технологияҳои сарфакунандаи об дар хоҷагии қишлоқ» барои камтар кардани таъсири манфии норасоии об дар минтақа истифодаи самараноки об ва хидматрасонии об дар ҷумҳурӣ бо воситаҳои зарурии техникӣ таъмин гардидаанд. Ин корҳои хидматрасониро ба шабакаҳои обёрӣ ду баробар арзон мекунад.

Дар ҷамъомади видеоселекторӣ, ки чанд рӯз муқаддам таҳти раёсати Саръвари давлат оид ба истифодаи оқилонаи манбаъҳои обу энергия дар соҳаи кишоварзӣ ва чораҳои кам кардани талафот гузаронида шуд, ба масъалаи истифодаи оқилонаи об таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, дар назди масъулин вазифаҳои мушаххас гузошта шуд.

Албатта, дар ҳоле ки дар ҷаҳон мушкилоти экологӣ ва офатҳои табиӣ зиёд мешавад, дар мамлакатамон бобати ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунандаи об ва ҳифзи ин неъмат корҳои шоиста амалӣ мегарданд. Бахусус, дар натиҷаи бо бетон пӯшонидани 550 километр каналу ҷӯйбор, дар 200 ҳазор гектар об беҳтар шуд.

13 ҳазор километр шабакаҳои дохилӣ аз тарафи фермер ва кластерҳо бетон карда шуд, идоракунии об ислоҳ гардида, дар ноҳияҳо низоми ба ҳисоб гирифтани об ташаккул ёфт, фермерон ҳисобу китоби обро омӯхтанд, ки ин ҳама натиҷаи хуб дод. Имсол ба туфайли роҳандозӣ шудани системаи шаффоф ба замин ду баробар зиёдтар об рафт.

Солҳои охир доираи кор дар соҳа низ бамаротиб афзуд. Аммо баъзе масъалаҳо низ вуҷуд доранд. Аз ҷумла, дар ҷумҳурӣ барои ҳар як метри мукааб обе, ки ба кластер ва фермерҳо расонида мешавад, ба ҳисоби миёна 212 сӯм сарф мегардад. Дар вилоятҳои Бухоро, Қашқадарё ва Намангон бошад, ин 2-3 баробар қимат аст.

Инчунин, аз сабаби кӯҳна будани насосҳои миёна ва хурд арзиши аслии об зиёд мешавад. Аз ҳисоби бетон кардан талафот 10-15 фоиз кам шуда бошад ҳам, дар 20 ноҳия ин нишондиҳанда баланд аст. Вобаста ба чунин мушкилот дар ҷамъомад вазифаҳои оянда муайян гардиданд. Ин беҳуда нест. Чунки гузаштан ба сарфаи об, яке аз роҳҳои асосии ҳалли мушкилоти нигоҳ доштани иқтидори заминҳои обёришаванда ва таъмини бехатарии озуқаворӣ мебошад.

Боз яке аз роҳҳои воридсозии тағйироти куллӣ дар соҳаи хоҷагии об бемуболиға, ин рақамисозӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба истгоҳҳои обкашӣ дастгоҳҳои назорати онлайн ва «обҳои ақлнок» оварда шуданд. Аммо системаи иттилоотие вуҷуд надорад, ки маълумоти онҳоро ҷамъоварӣ ва таҳлил кунад. Истеъмол ва ҳисобу китоби об бошад, хеле мураккаб аст.

Дар ин бобат вазифаи таъсиси Маркази рақамикунонии хоҷагии об дар назди вазорат гузошта шуд, ки хеле бамаврид аст. Дар он системаи ягонаи иттилоотии истеъмол ва баҳисобгирии об ба кор андохта мешавад. Яъне, аз об оқилона ва сарфакорона истифода намудан, онро идора кардан лозим аст. Ба ин васила, метавон норасоии обро дар оянда пешгирӣ кард.

Умуман, норасоии об мушкилоти глобалист. Дар чунин шароит дар радифи бисёр мамлакатҳои ҷаҳон, дар Ӯзбекистон низ бобати истифодаи оқилонаи захираҳои об чорабиниҳои муҳим амалӣ мешаванд. Вазифаҳое, ки дар ҷамъомад муқаррар гардиданд, на танҳо сарфи обро кам мекунад, балки ба як унсури муҳими гузариш ба «иқтисоди сабз» табдил меёбад.

Дилрабо ХОЛБОЕВА,
депутати Палатаи қонунгузории Олий Мачлис.

Дар иқтисодиёти мамлакатамон метрологияи миллӣ дар соҳаи танзими техникӣ, координатсия ва инкишофи минбаъдаи инфрасохтори миллии сифат аҳамияти калон дорад. Эътирофи ченак, санҷиш ва сертификатҳо монеаҳои техникии тиҷоратро бартараф намуда, ба истеҳсолкунандагон барои иштирок дар содирот, инчунин занҷирҳои арзиши минтақавӣ ва байналмилалӣ кумак мерасонад.
Дар Маркази матбуоти миллӣ бо ташаббуси Донишкадаи метрологияи миллии Ӯзбекистон бахшида ба рақамикунонӣ, татбиқи лоиҳаҳои илмӣ ва инноватсионӣ дар соҳаи метрология нишасти матбуотӣ баргузор гардид.

СИСТЕМАИ НАВИ «ТАНЗИМИ ТЕХНИКӢ» РОҲАНДОЗӢ МЕШАВАД

Дар чорабинӣ директори донишкада Лазизбек Саидорифов таъкид кард, ки дар лоиҳаи Стратегияи рушди низоми ягонаи ченак дар мамлакат дар солҳои 2024-2030 низоми масъалаҳои устувори дарозмуҳлат, ҳадаф ва вазифаҳои рушди метрология муайян шудааст.

Дар асоси қарори роҳбари давлат аз 28 феврали соли 2024 «Дар бораи чораҳои ташкили фаъолияти Агентии танзими техникии Ӯзбекистон» бо мақсади таъмини шаффофият ва созмони сохтори бидуни коррупсия вазифаи то 1 январи соли 2025 роҳандозии фаъолияти Системаи миллии иттилоотии «Танзими техникӣ» гузошта шуд. Ин низом, ки 14 модулро дар бар мегирад, дорои 6 системаи иттилоотӣ, аз ҷумла «E-standart», «E-metrologiya», «E-laboratoriya», «E-sertifikat», «E-akkreditatsiya», «E-hajm» ва порталҳои «Hududstandart», «TBTINFO» мебошад.

Зикр гашт, ки дар донишкада системаи иттилоотии «Метрологияи электронӣ», ки барои соҳибкорон таъсис дода шудааст, кор мекунад. Тавассути ин система ҳама намуди дархосту мурофиатҳо онлайн қабул гардида, имкони бастани шартномаи электронӣ дар муддати кутоҳ фароҳам шудааст.

— Дар донишкада оид ба таҳияи Базаи миллии стандартӣ, навсозии лабораторияҳо ва бунёди инфрасохтор як қатор корҳо анҷом дода шуд, — гуфт сарметрологи донишкада Раҳимҷон Нуриддинов. — Бо мақсади баҳтар намудани пойгоҳи моддию техникӣ ва таъмини ченкунии мушаххас 6 стандарт ташкил шуда, пойгоҳи стандартҳои миллӣ ба 29 адад расид. Ғайр аз ин, дар даври гузаштаи соли ҷорӣ бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани пойгоҳи моддию техникии лабораторияҳо 94 асбоби ченкунӣ ва таҷҳизоти ёрирасон харидем.

Дар асоси ҷадвали қабули стандарт ва меъёрҳои метрологӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои созмони байналмилалии танзимкунандаи метрология (OIML) дар маҷмӯъ 8 стандарти миллӣ пазируфта шуд.

Илова ба ин, имсол дар ҷумҳурӣ ҷаласаи навбатии 36-уми Кумитаи созмони ҳамкории муассисаҳои давлатии метрология дар Авруосиё (COOMET) ва ҳамчунин конфронси байналмилалии илмию техникӣ бахшида ба 100-солагии фаъолияти метрология баргузор гардид.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Фазои фарҳангӣ

РОБИТАИ КИНОСОЗОН

Гуруҳе аз «ситорагони кинои турк» боз дар Тошканд

Аз ибтидои асри XX яке аз воситаҳои таъсиррасон будани кино ба ҳамаамон маълум. Хусусан маҳсули эҷодкорони ду кишвари дунё ИМА ва Ҳиндустон ба сифати Ҳолливуд ва Болливуд чун пештара экранҳои оламро бештар забт мекунанд. Нахустнамоиши филмҳои нав, ки баҳои баланд гирифтаанд, чун яке аз воқеаҳои сурурбахши ҳаёти маданӣ арзёбӣ мегарданд.

Дигар аз мамлакатҳое, ки бо кинои худ ном баровардааст, Туркия мебошад. Тӯли даҳсолаҳо, тавре ба мушоҳида мерасад, ягон ҷашнвораи байналхалқии синамо нест, ки дар он филм ё сериалҳои Туркия иштирок накунанд ва ба мукофотҳои дараҷоти гуногун даст наёбанд. Масалан, «Тобистони беоб»-и коргардон Метин Эрксан дар Ҷашнвораи Берлин (1964), «Юсуф ва Канъон»-и коргардон Омен Кавур дар Ҷашнвораи Милан (1980), «Роҳ»-и коргардонҳо Шериф Гёрен ва Йилмаз Гюней дар ҷашнвораи Канн ба мукофоти асосӣ сазовор дониста шудаанд.

Солҳои охир таълимгоҳҳое, ки ба санъати кино тахассусонда шудаанд, хеле афзуд, мактаби коргардон ва актёрҳо ташаккул ёфт. Аљон дар мамлакат соле ба ҳисоби миёна 50-60 картина офарида шуда ва қисмате аз онҳо ба экранҳои дунё низ мебарояд.

Анқара, Истанбул ва Измир барин шаҳрҳо ба ҷашнвораҳои байналхалқии нуфузноки кино борҳо мизбонӣ кардаанд.

Хусусан вақтҳои охир «Даҳ рӯзи бади одам» (2023, коргардон Улуч Байрактар), «Актриса» (2023, коргардон Сонер Ҷанер), «Оҳ, Белинда!» (коргардон Дениз Йорулмазер), «Муҳаббати беҳудуд» (2023-2024, коргардон Мурат Озтюрк), «Гулҷамол» (2023, коргардонҳо Алӣ Балҷӣ ва Юсуф Пирҳасан) барин картинаҳо дар миқёси байналхалқӣ чун беҳтарин филмҳои бадеӣ эътироф шуданд. Ин филмҳо асосан дар жанрҳои драма, мелодрама ва мазҳака бо сужети шавқангез низ эътибори тамошобинро ба худ мекашанд. Ҷузъиёти ин, эҷодкорони турк дар жанрҳои дедектив ва кофтуковҳои криминалӣ то андозае комёб шудаанд.

Фикр мекунем, оиди ба ӯзбекӣ дубляж шудани филму сериалҳои туркӣ, айни замон ҳамкориҳои эҷодии ду халқ дар кинофарӣ ҳоҷат ба сухан нест.

Ҳаминро таъкид кардан кофист, ин ба амал баровардани лоиҳаҳои муштараки эҷодӣ дар солҳои охир ба дарҷаи нав баромад. Бо шарофати ҳамин чанде аз ҳунарпешагони мо дар Туркия ва берун аз ҳудуди он ном баровардаанд ва шинохта шуданд. Дар як қатор кинотеатр ва шабакаҳои гуногуни телевизионии Туркия намоиш дода шудани қисмате аз картинаҳои филмофарони ӯзбек низ ҳодисаи фарахбахш.

Дар Туркия ба амал омадани Рӯзҳо ва Ҳафтавори синамои ӯзбекро дӯстдорони синамо самимона истиқбол мекунанд. Баробари ҳамин, ин гуна чорабиниҳо дар Ӯзбекистон ба дараҷаи баланд сурат мегиранд. Аз байн солҳо сипарӣ шаванд ҳам, «ҳафтаворҳо» чун рӯйдодҳои ҷолибӣ фарҳангӣ аз хотирҳо зудуда намешаванд. Масалан, Ҳафтавори кинофилмҳои турк, ки даҳ сол қабл аз ин дар Тошканд сурат гирифта буд. Дар доираи ҳафтавор дар толори яке аз меҳмонхонаҳои пойтахт ба таври ройгон картинаҳои яке аз дигар шавқовартари «Фотеҳ», «Визонтеле Туба» ва «Писари офтоб» намоиш дода шуданд, ки он солҳо дар ҷалб кардани тамошобинон натиҷаҳои рекордӣ ба даст оварда буданд.

Ҳаминро низ гуфтанием, назар ба маълумотҳои он вақт дар Туркия ҷамъ 567 кинотеатр мавҷуд буд. Шумораи толорҳои кино 2 ҳазору 92-то ва ҷамъи курсиҳо наздик 269 ҳазорторо ташкил менамуд. Дар соли 2012 миқдори даромад аз намоиши филмҳо дар кинотеатрҳои маҳаллӣ ба 422 миллион лира расид, ҷамъи даромад дар кинематография бошад, аз 2 миллиард доллари ИМА гузашт. Ин рақамҳо аз вусъат ва равнақи тозаи соҳаи кинематографияи гувоҳӣ медиҳад.

Дар Туркия аввалин филми ҳуҷҷатӣ соли 1914 ва нахустин филми бадеӣ соли 1917 намоиш дода шуда буд. Дар давоми беш аз як аср анъанаҳои милливу замонавӣ дар филмофарӣ ҳамоҳанг шуданд.

Дар Тошканд рӯйикороии Ҷашнвораи кинои Туркия соли 2018, айни замон, фаромӯшнопазир буд. Баробари актёрон беҳтарин овозхонҳои турк низ ба чорабинӣ даъват шуда ва мулоқоту консертҳо басо хотирмон сурат гирифтанд. Вохӯриҳои эҷодӣ бо мақсади таҷрибаивазкунӣ ба ҷонибҳо нафъ бахшиданд.

Маълум, ки Киноҷашнвораи байналхалқии Тошканд «Дурдонаи Роҳи абрешим» вақтҳои охир эътибори синамогарон ва алоқамандони кинои дунёро ба худ мекашад. Дар он киноэҷодкорони турк низ фаъолона иштирок менамоянд.

Инак, гуруҳе аз «ситорагони кинои турк», аз қабили Аслихан Каралар, Дениз Эвин, Элиф Бусе Доған, Ҳане Доғандемир ва дигарон боз дар Тошканд – онҳо дар Ҳафтавори навбатии кинои Туркия дар Ӯзбекистон ширкат намуданд. Дар маросими кушоиш иҷрогари нақши Фериде аз «Чолуқушӣ»-и бароямон қадрдон Туркан Шорай бо нишони сарисинагии «Кинематография фидокори» тақдир шуд. Бо воқеаҳои муҳими фарҳангӣ ҳамоҳанг будани ҳар як рӯзи ҳафтавор ба иштирокдорон аз ду ҷониб рӯҳ мебахшад.

М. ШОДИЕВ.



ПИРӮЗИИ АПАЮ ХОҲАР

Ду узви як хонадон аз ҷамоаи шаҳрвандони маҳаллаи «Бойбӯрӣ»-и ноҳияи Қамашии вилояти Қашқадарё соҳиби Ҷоми ҷаҳон шуданд.

Онҳо Гулойим ва Заррина Отамуродоваҳо мебошанд, ки дар ин авохир қатори садҳо ҷавонони варзишгар дар сабқати таэквандо ширкат варзидаву шарафи Ватанро ҳимоят карданд ва ҳар кадом дар вазни ҷудогона бартарии худро намоиш доданд. Доварони сатҳи ҷаҳонӣ ба ҳунари варзишгарон баҳогузорӣ намуда, Гулойим ва Заррinaро ғолиб донистанд.

Бояд гуфт, ки мусобиқа 1-8 ноябр баргузор гашт ва шаҳри Тошканд мизбонии беш аз 3 ҳазор варзишгар аз 64 кишвари оламро дар ӯҳда дошт.

Гулойим Отамуродова дар вазни 70 кг ва хоҳари ӯ Заррина Отамуродова дар вазни 58 кг вориди сабқат шуданд ва дар байни духтарони таэквандочӣ пирӯз ва ба Ҷоми ҷаҳон мушарраф гаштанд.

Шариф ХАЛИЛ,
хабарнигори
«Овози тоҷик»,
дар вилояти Қашқадарё.

Дар ҷевони китоб

ҶОЗИБАИ «ПАРАСТУҲОИ РЕГИСТОН»

Дар доираи «Барномаи давлатии рушди табъу нашр ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026» аз мунтахаби осори насрӣ ва драмавиву публитсистии нависандаи соҳибноми тоҷик, устод Адаш Истад асари бадеии ӯ бо номи «Парастуҳои Регистон» дар нашриёти «Адиб» (Душанбе) чоп шуд. Мураттиби китоб журналист Одил Нозир ва муҳаррир Абдуғаффор Абдуҷаббор аст.

Устод Адаш Истад бисёр нишебу фарози зиндагиро аз сар гузаронидааст, ки баъзе аз онҳо, дар мусоҳибаҳо бо ӯ, ки дар асари мазкур ҷой гирифтаанд, чун муште аз хирвор акси худро ёфтаанд. Аз ҷумла, суҳбатҳои устод Адаш Истад бо Ӯктам Иброҳим (равонаш шод бод!) Фарзон Муҳаммадӣ, Одил Нозир, Меҳрофарин Наҷибӣ ҷолиби диққатанд.

Воқеан афзалияти китоб маҳз дар он аст, ки муаллиф комилан замони худро бебокона, ҳақиқатнигорона инъикос намудааст. Дар насру назм устод эҳсосоти домонадори ҳаёти хеш ва роҳи пурпечутоби онро бо гармию сардиаш ба қалам додааст. Ҳангоми мутолиа дар ниҳоди кас эҳсосоти ачибе пайдо мешавад. Забони ҳар як иншои устод басо рангорангу пурҷозиба мебошад. Дар ин китоби пурмӯҳтаво, публитсистика, назму наср ба ҳам даромехта, олами ботинии муаллиф ифшо намудаанд.

Боиси хушнудист, ки мо навиштаҳои ӯро ҳар чӣ бештар мутолиа намоем, ҳамон қадар возеҳдор мегардад, ки осори вай баҳри бекаронест. «Парастуҳои Регистон» аз шоҳкориҳоест, шоистаи таҳсин.

Мо аз фурсат истифода бурда ба устод Адаш Истад парвозҳои баланди эҷодӣ таманно дорем.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
узви Иттифоқи нависандагони Ӯзбекистон.

БУЗУРГДОШТИ ҶОМӢ ДАР ДОНИШГОҲ

Дар маҷлисгоҳи бахши филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тирмиз бахшида ба 610-солагии шоири форс-тоҷик, мутафаккири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ чорабинии фарҳангӣ баргузор гардид.



Дар чорабинӣ донишҷӯён, устодон ва фаъолони Маркази фарҳанги тоҷикони вилоят ширкат карда, нотиқон дар бораи истеъдоди бузурги Абдураҳмони Ҷомӣ маълумоти муфид доданд. Ҳамчунин дар бораи ҳамкориҳои адабии ду намояндаи бузург, рамзи барҷаста: Ҷомӣ ва Навоӣ фикрҳои ҷолиб баён шуд ва таъкид гардид, ки ҳамкориҳои онон то ҳол ҳамчун нишонаи дӯстии ду халқи бародар: тоҷик ва ӯзбек намунаи ибрат мебошад.

Мудири кафедраи филологияи тоҷик ва забонҳои шарқ, доктори илмҳои фалсафа (PhD) М. Қурбоналиева ва раиси Маркази мадании тоҷикони вилоят, дотсент Р. Абдуллоев ба донишҷӯён оид ба омӯхтани мероси шоир тавсияҳои судбахш доданд. Ҳамчунин ба иштирокчиёни фаъол сертификат ва маҷаллаи «Дурдонаи шарқ» тақдим карда шуд.

Дар қисмати бадеии чорабинӣ аз тарафи донишҷӯён намунаҳо аз ашъори мутафаккири бузург Абдураҳмони Ҷомӣ қироат ва саҳнаҳо аз рӯйи осори шоир гузошта шуд.

Олим ПАНҶИЗОДА,
хабарнигори
«Овози тоҷик»
дар вилояти
Сурхондарё.

Солҳои охир риштаи дӯстӣ ва ҳамкории байни Ӯзбекистону Қазоқистон мустаҳкам гардида, корхонаҳои муштарак ва шуъбаҳои мактабҳои олии кишвари мазкур бунёд мегарданд.

«ХОНАИ МОДАР» — ДАР САМАРҚАНД

Чанде пеш Агентии миллии ҳифзи иҷтимоии назди Президенти Ӯзбекистон ва Бунёди ҷамоатии «Ana uyi»-и Қазоқистон дар шаҳри Самарқанд маркази «Хонаи модар» (Ana uyi»)-ро бунёд намуданд, ки он дар диёрамон муассисаи савумин мебошад.


Таъкид шуд, ки чунин ташкилот қариб дар 20 шаҳру ноҳияи Қазоқистон ташкил ёфтааст. Дар ифтитоҳи чорабинӣ вакилони ду кишвар ва расонаҳои ахбори оммавӣ ширкат варзиданд.

– Маркази мо ба модарони то 30 сола, ки ба вазъияти вазнини иҷтимоӣ афтода, ба кумак ниёз доранд, ёрӣ мерасонад, – гуфт мудири марказ Зулола Умирова. – Албатта маслиҳатҳои ҳуқуқӣ, психологӣ ва дастгирии моддӣ низ дар зиммаи мо аст.

Баҳодури ЗОҲИР.
САМАРҚАНД.

БУНЁДИ «КӮЧАИ ҶАВОНОН ВА ТУРИЗМ» ДАР ШӮРЧӢ

Аз тарафи роҳбари давлатамон барои шароит муҳайё намудан ба ҷавонон ва рушди соҳаи сайёҳӣ, инчунин, пурмазмун гузаронидани вақти холии насли наврас дар ҷойҳо ташкил намудани «Кӯчаҳои ҷавонон ва сайёҳӣ» пешбинӣ шудааст. Дар айни ҳол бо мақсади таъмини иҷрои ин супориши раисҷумҳур дар ҳама минтақаҳои вилояти Сурхондарё, ҷамъ 15 кӯча интихоб гардида, дар асоси лоиҳаи намунавӣ корҳо бо суръат пеш мераванд.



Яке аз ҳамин гуна кӯчаҳо дар ҳудуди маҳаллаи «Гулистон»-и ноҳияи Шӯрчӣ барпо карда ба истифода дода шуд.

Дар маросими ифтитоҳи «Кӯчаи ҷавонон ва туризм» ҳокими вилоят Улуғбек Қосимов, собиқадорони меҳнат, раҳбарони ташкилоту идораҳо, ҷавонон, варзишгарон ширкат варзиданд, ҳоким таъкид намуд, ки ҳамаи ин ғамхориҳо барои солимгардониву пурмазмун гузаронидани вақти холии ҷавонон, инчунин ривоҷ додани соҳаи туризм мебошад.

Дар кӯчаи мазкур 2 варзишгоҳи хурди футбол, як толори 250 нафара, майдонҳои варзишӣ барои гузаронидани мусобиқа ва машқу тамрини намуди бозиҳои варзишии варкоут, баскетбол, волейбол, ҳарбӣ-ватанпарварӣ ва амфитеатри 50 нафарӣ барпо шудааст. Дар қад-қади кӯча роҳраве, ки дарозиаш 3,4 км мебошаду барои велосипедронҳо мувофиқ гардонида шудааст, низ барпо гардидааст. Инчунин, барои кабудизор намудани кӯча гармхонаи гулу ниҳолпарварӣ бунёд ёфтааст. Дар анҷом иштироккунандагони маросими тантанавӣ чун рамзи бунёдкорӣ дар қад-қади роҳ, дар боғе, ки бунёд ёфта истодааст гул ва ниҳолҳои манзаравӣ шинониданд. Бешубҳа аз бунёди чунин кӯча хурсандии ҷавонон ҳадду канор надорад ва ин гуна амалҳо барои пурмазмуну бофароғат гузаронидани вақти холӣ мусоидат мекунанд.

Олим ПАНҶИЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Сурхондарё.

Дар шаҳри Намангон байни хонандагони мактабҳои таълими умумии вилоят дар доираи «Олимпиадаи панҷ ташаббус» «Бозиҳои шавқовар» баргузор гардид.

«БОЗИҲОИ ШАВҚОВАР»

Дар мусобиқа хонандагони синну солашон аз 7 то 10 сола иштирок намуданд.

Дар ҳар як ҷамоа 5 нафарӣ писарбачагон ва ҳамин қадар духтарон қувваозмоӣ карданд. Хонандагони мактаби рақами 18-уми ноҳияи Косонсой дар ин мусобиқа муносиб иштирок карда, шаъну шарафи ноҳияро ҳимоя намуданд.

Ба аъзои ҷамоа, ки ғолибиро ба даст даровардаанд, ифтихорномаву туҳфаҳои хотиравӣ супурданд.

Абдулло АЪЛОХОНОВ.
Вилояти НАМАНГОН.

МУАРРИФИИ ДЕВОНИ ШОИРИ ЗУЛЛИСОНАЙНИ ТОҶИК

Бо ибтикори факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Фарғона дар Кохи фарҳанги шаҳри Риштон маросими муаррифии китоби «Гулдастаи Бокӣ»-и шоир, олим ва манбаъшиноси тоҷик Мирзо Абдуллоҳ Насриддинов, мутахаллис ба Бокӣ баргузор гардид. Дар ин маросим олимон, адибон, пажӯҳишгарон, устодони донишгоҳҳо, омӯзгорон ва шефтагони каломи бадеъ ширкат намуданд.

Гуфта шуд, ки Мирзо Абдуллоҳ Насриддинов соли 1882 дар оилаи зиёӣ чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Ҳарчанд дар матбуоти даврӣ, баъзе рисолаҳо ва ашъори дастачамъии шоирон роҷеъ ба ӯ як қатор маълумотҳо дода шудааст, аммо бори нахуст девони ӯ ба нашр расид, ки ашъори ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ иншонамудаи ӯро дар бар дорад. Ба он муҳаққиқ, устоди Донишгоҳи давлатии Фарғона, доктори фалсафа дар риштаи филология Ойбек Барзиев сарсухан навиштааст.

– Дар гирдоварӣ ва табъу нашри китоб набераи ин шахсияти бузург, сокини шаҳристони Риштон, омӯзгори бознишаста Баҳодурхӯҷа Азизов, мудири «Кохи дӯстии тоҷикону ӯзбекон»-и шаҳр Турсунхӯҷа Абдураҳмонов саҳм гирифтаанд. Инчунин устодони Донишгоҳи давлатии Фарғона Сайфиддин Рафиддинов, Эҳтиётхон Иброҳимова ва Толиб Носир дар таҳриру тақризи матнҳои дастнависи шоир аз наздик ҳамкорӣ карданд, – гуфт Ойбек Барзиев.

Вай афзуд, ки Мирзо Абдуллоҳи Бокӣ дар аввали асри бист бо ашъори худ вориди майдони адабиёт шудааст ва то охири ҳаёташ ба сифати адиб, манбаъшинос ва маҳфилоро мавқеи калон пайдо кардааст. Вай ба ҳайси шоири зуллисонайни ҳавзаи адабии Хӯқанд аз худ ба мо мероси зиёд гузоштааст. Бештари ашъори ӯро ғазал, мухаммас, қитъа, марсия, фард ва амсоли он ташкил медиҳанд.

(Давомаш дар саҳ.4).



Барои кӯдакон

Марямбонуи ФАРҒОНӢ

«ҲАВЗАК-ҲАВЗАК»-И БИБӢ

Шунидаӣ «Ҳавзак»-ро,*
Таронаи сабзакро?
Бибиҷон - таронагӯ,
Қиссагӯ, фасонагӯ.
Қиссаҳои аҷибе,
Аҷибеву ғарибе.
Себаш – себи Самарқанд,
Пандаш мисоли гулқанд.

Ин ҳавзак читу ҳавзак?
Гирдогирдакаш сабзак!
Аз боло об меояд,
Бӯйи палов меояд.
Аз нова об мерезад
Химчаи тар меларзад.
Оҳ, ҳавзак, читу ҳавзак,
Ҳавзаки гирдаш сабзак.
Модар хамир мешӯрад,
Симинҷонаш дастӯрак!

Ҳавзак-ҳавзак, чӣ ҳавзак,
Гирдогирдакаш сабзак!
Модараш дар сари кор,
Доро шуд кӯчадавак.
Тарсам, ки бо чӯраҳо
Мешавад калаҷангак.
Ниру, Виро кучоед,
Додарчаро дарореду!

Дар шафатаки ҳавзак
Ҳавзаки гирдаш сабзак,
Шаҳсуфаи бибиҷон,
Бибиҷони меҳрбон.
Кӯрпачаҳо мулоим,
Меҳмон пур хона доим.
Лаби ҳавзи дилкушо,
Гирди ҳам шинед ин ҷо.

Мо мизбони шумоем,
Дасторхонро кушоем.
Нони гармак гузорем,
Қанду қандалот орем.
Гирди шумо дар корем –
Меҳри марворид борем.
Ин хона пурбаракат,
Мо ҳама дар ҳаракат.
Найсони ҳавлирӯбак
Гаҳе асобиёрак!

Мусичаҳо дон хӯранд,
Нонреза аз хон хӯранд.
Дар ҳавои чағона
Кабкак хонад тарона.
«Ҳавзак-ҳавзак»-и бибӣ,
Гирдаш сабзаки бибӣ.
Хамёза Доро кашид,
Аз пасаш Соро кашид...
Таронаро об бурд,
Чӯҷаҳоро хоб бурд.

Оромӣ гирди ҳавзак,
Ҳавзаки гирдаш сабзак...

———————

**Ишора ба таронаи мардумии тоҷик:*
«Ҳавзак - ҳавзак,
Гирдаш сабзак.
Оҳу омад об хӯрд,
Ору омад об хӯрд»...

БИКШОЙ ДАРЕ...

Донандаи асрори ниҳон ҷуз ту касе нест,
Ғайри ту дигар ғамбару фарёдрасе нест.

Дар ҳар даму ҳар соату сонияи умрам
Дар ёди ту бошам, ки маро ҳамнафасе нест.

Бо номи ту дил метапад, ором надорад,
Ҳарчанд ки дидор маро дастрасӣ нест.

Аз чурм гузар созу ба сӯям назар андоз,
Чун дар дили ман ғайри висолат ҳавасе нест.

Як муждаи васл овару хушбахти ҷаҳон кун,
Бе рӯйи ту офоқ ба ғайри қафасе нест.

Он кас, ки равад раҳ ба ризои ту, чу шер аст,
В-он ки зи такаббур бипарад, ҷуз магасе нест.

Бикшой дареро зи ниҳон, эй ҳама покӣ,
Бе лутфи ту ҳастии маро қадри хасе нест.

Далершоҳ НЕЪМАТОВ,
магистранти Донишгоҳи давлатии забон ва адабиёти ӯзбеки Тошканд ба номи Алишер Навоӣ.

Санҷиши қалам

БАҲСИ ЧАРОҒИ ЭЛЕКТРӢ ВА ШАМЪ

Чароғи электрикӣ:
– То ҷое қудрат дорам, ки аз нури ман саросари ҷаҳон равшан мегардад. Кори шабонарӯзии заводу фабрикаҳо ва ҳаракати нақлиёти гуногун ба ман вобаста аст.

Зимистон хонаи мардумро гарм мекунам, як рӯз қатъ гардам, ҳоли онҳо табоҳ аст.

Шамъ:
– Дуруст мегӯӣ. Ман низ собиқаи пурифтихор дорам. Шеърҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шарозӣ, Умари Хайём ва даҳҳо тани дигар дар партави ман эҷод шудаанд. Имрӯз низ, вақте ту қатъ мегардӣ, мардум маро меҷӯянд. Ҳатто шоҳон корҳояшонро дар партави ман анҷом медиҳанд...

Мурод ҚУРБОНЗОДА,
ноҳияи УРГУТ.

Санҷиши қалам

БОРОНИ ТИРАМОҲ

(Тарона)

Инак, бо даву тозҳои зиндагӣ фасли тирамоҳ ҳам ба охир мерасад. Ин фасли аҷиб ба дили ман рӯшанӣ мебахшад. Дар ин фасли тилоӣ борон зиёд меборад ва таровати олам меафзояд, ба дилҳо суруру осудагӣ мебахшад.

Борон меборад... Гӯё ба шишаи дилам мезанад рӯшанӣ ато мекунад. Хаёлан бо борон суҳбат мекунам:
– Ту ҳам дил дорӣ?
– Оре.
– Ту ҳам модар дорӣ?
– ...

Аз борон пешдаҳанӣ кардам:
– Дар табиат ҳама модар доранд. Лек модари ман дунёи дигар аст. Борон, оё медонӣ чаро мӯйи модарам барф барин сап-сафед аст? Зеро бори ташвишҳои рӯзгор бар дӯши нозуки ӯст. Агар умри падарам идома пайдо мекард, шояд бори ману додарам бар дӯши ӯ буд...

Вақти зиёде нагузашт, борон бесадо аз ман дур шуд. Фикр кардам, ӯ низ тавони бардоштани бори ғами инсонҳоро надорад.

Меҳрангез МАМАҶОНОВА,
донишомӯзи синфи 11-уми мактаби таълими ҳамагонии рақами 63-юми ноҳияи Попи вилояти Намангон.

Гулмоҳие дар лаби дарё аз об берун монда буд. Маълум, ки борони сели шаби гузашта борида, ки то ҳол давом дошт, оби дарёро лойқаю пургард карда аст. Гулмоҳиро ҳар лаҳза марг таҳдид мекард. Аз ин рӯ, худашро як навъ ҷамъу ҷӯр карда, тарафи соҳил ҳаракат намуд. Ҳадаф аз вартаи марг наҷот ҷустан буд. Лек сад афсӯс, ки дар соҳил низ вазъият хуб набуд. Лойи аз кӯҳпораҳо борони сел шустаоварда ҳама ҷоро хароб карда буд. Дарёи лойолуд бо садои баланд ба пеш ҳаракат мекард. Гӯё аз ноомади кор дарё гиря дошт.

Мисли ин буд, ки соҳил низ аз вазъияти номусоид ва ғайричашмдошт бе овоз гиря мекард. Соҳил ба дарёи пуртугёну пурлой нигоҳ карда гуфт:
– Дигар маро таҳаммули шунидани фарёди ту намондааст. Дилам реш-реш мешавад. Ором шав, ором.
– Эй соҳили мурод, чӣ сон ором шавам? Нолаву фарёди худро фурӯ бурда наметавонам. Ҷигарам оташ мегирад. Ғайриихтиёр аз тангнои тан хурӯшон берун мечаҳад. Зебоӣ ва тароват аз ман рафт... Растанӣ ва гулу буттаҳое, ки як вақтҳо маскани зебоипарастон буд, ҳама дар дами марганд. Гулмоҳиҳо дар пеши чашмам мурда истодаанд. Ман чӣ хел ором шавам? Ман ҳам дар оғӯши орзуҳои хеш зистан мехоҳам ва бо дӯстонам дар бораи зебоӣ, муҳаббат ва зиндагӣ суҳбат кардан мехоҳам. Ақаллан як лаҳза... Ин рӯзи сиёҳи маро бубин. Чӣ хел таҳаммули ин рӯзи шумро кунам? Корҳои нотамом, замини ташналаб ва армонӣ дар қафо доштам! Мехостам бо дӯстонам корҳоямро ба сомон расонам. Имрӯз мебинӣ, нобуд мешавам. Ба пеш рафтани ман дигар маъно надорад. Ман дигар нобуд мешавам, аз оби зулолам низ нишоне намонду ҷойи онро оби лойи пургард гирифт...

Дар ҳақиқат ҳазорҳо моҳӣ ва дигар ҳайвонҳои зери об мурда дар соҳил дар ҳолати хоб қарор доштанд. Рӯйи обро дарахту буттаҳое пӯшида буданд, ки як вақтҳо соҳилро бо сабзу хуррамиашон оро медоданд. Маълум буд, ки аллакай баъди як-ду рӯз ба хушкшавӣ оғоз мекунанд ва оқибаташон як хокандоз хокистар хоҳад буд... Ин чӣ рӯзи маҳшар, ки ба сари дарёву моҳӣ ва растанию гулбуттаҳои лаби соҳил омада буд?

Гулмоҳӣ нафасҳои охиринро канда-канда мекашиду зери лаб ҳасраткунон чизе мегуфт, лек сад афсӯс, ки сухани ӯро касе намешунид.

ҶОНИ ДУБОРА

(Ҳикоя)

Кушода мешуд даҳонаш, баланд намешуд суханаш... Соҳил, ки ин воқеаи даҳшатборро ба пуррагӣ шоҳид буд, мехост ақаллан ба гулмоҳӣ дасти мадад дароз кунад, лек имкон надошт. Соҳил тамоми нируяшро ҷамъ намуда, ашкашро поккунон ба сухан оғоз намуд.

– Эҳ шоҳи моҳиҳо, таҳассумгари ишқу зебоӣ! Ованҳ, ба ман даҳон мекушоӣ, намедонам чӣ мегӯӣ?

Гулмоҳӣ даҳонашро кушода пӯшидан гирифт. Маълум буд, ки имдодталабона чизе мегӯяд. Соҳил худашро бахшида наметавонист, ки охирин гулмоҳиро аз даст медиҳад. Аз Худованд илтиҷо намуд... Эй Яздони пок, мӯъҷизаҳоят беҳисобанд. Ин воқеаи хунбори ба сари дарё ва дӯстонаш моҳию растанию гулу себарга омадаро бартараф кун ва моҳичаро ҷони дубора бахш...

Дар ҳамин вақт боди мусоиде вазиду абрпораҳои сиёҳи девмонандро пароканда кард. Шиддати борон оҳиста-оҳиста паст шуд. Рутубати ҳаво тоза шуда, аз паси абрпораҳо чашми офтоби оламоро намудор гашт. Мисли ин ки тимсоҳ офтобро фурӯ набурда, аз даҳонаш бароварда партофта бошад, ба назар хастаҳол мерасид. Сел низ ором шуда, гӯё аз дасти бадӣ чизе намеояд, биёед оштӣ мешавем мегуфта бошад, аз вайронкорӣ даст кашид. Оби зулол дарёро пур карда, шодикунон мехост ин хушхабарро аввал ба соҳил гӯяд. Бо ҳамин мақсад, вақте зуд ба лаби соҳил омад ва муждагониро ба дӯсташ мегуфт, чашмаш ба гулмоҳӣ афтод. Моҳӣ нафасҳои вопасинро мекашид. Дигар умеди зинда монданро надошт. Дарё зуд аз оби зулолаш ба сару рӯйи гулмоҳӣ пошид. Моҳӣ аз оби зулол серӣ нӯшид ва Худованд гӯё ҷони дубора бахшид, хазида хушҳол худро ба дили дарё зад. Соҳил ва дарё хушҳол ва қаноатмандона ба ҳам нигаристанд.

Саодат САНГИНОВА.
Вилояти СУРХОНДАРЁ.

Барои бачаҳо

ҲАНДАЛАК

(Ҳикоя)

Бобои Мирзомурод канортар аз ҳавлияш дар ҳамвории баландие ҳандалак корида буд. Бӯйи ҳандалакҳои расида ба димоғи раҳгузарон зада, ба ҷонашон ҳаловат мебахшид.

Мӯйсафед полизашро дар чодари хурде посбонӣ мекард. Дили бобо пур буд, ки ҳеч кас ороми ӯро халалдор намекунад. Вале рӯзона бузу гӯсфандон, шабона бошад, рӯбоҳу ҷайраҳо ба полиз ворид мешуданд.

Рӯзе овозае доман паҳн кард, ки ба полизи бобо дузд даромадааст. Субҳи содиқи он рӯз бобо, полизро бе нигаҳбон гузошта, ба бозори Деҳқонобод рафта буд.

Одатан, ҳама аз гармии тоқатфарсои тобистон паноҳ мечӯянд. Хоссатан, нисфирӯзиҳо кӯчаҳо бе одам мемонанд. Бачаҳои ба таътили тобистона баромада хостаанд, ки аз ин «имконият» истифода бурда ҳандалак хӯрданд.

Фурсати мадиде нагузашта «шӯрапуштон» — се бачаи даҳ-дувоздаҳсола «дастгир» шуданд. Бачаҳо хишткулӯхҳои деворро канда, вориди полиз шуда ду-се ҳандалакро дуздида буданд.

Писари бобо — муаллими Бухор одами табиатан шӯху ҳазлкашест. Ӯ бачаҳои худсарро ба назди девори рахнакардаашон бурду ба дасташон каланду побелро дода гуфт:

— Чим канда деворро фавран барқарор мекунед!

Ва ангушти ишоратиашро боло бардошта таҳдид намуд:

— Фикри гурехтанро аз сар дур кунед. Саги чӯпонӣ дорам, бо чор хез задан медорад. Баъди таъмири девор шумоёнро дар назди мардум ҷазо медиҳам!

Сипас муаллими Бухор дар сояи хонаи андоваш лойин баҳузур чорзону нишаста, гунаҳкоронро таҳти назорат гирифт. Мегӯянд, ки пойи одами гунаҳкор меларзад. Бачаҳо аз бими он, ки ҷазо дар пеш аст, шитобзада ба кор пардохтанд. Офтоб ба ғуруб нарафта деворро аз дасти таъмир баровардand.

Вақте муаллим бачаҳоро як-як ба наздаш хонд, онҳо биниҳоро болокашон ғарибвор сӯяш қадам ниҳоданд.

Бухор, ҳарчанд дар зимн механдид, вале ошкор накарда ҷиддӣ гуфт:

— Милисаро огоҳ карда будам. Имрӯз намеояд. Шояд фардо ё пасфардо пайдо шавад. То омадани ӯ шумоёнро дар оғил ҳабс мекунам. Оғил пури коҳ аст, ки ҷойи бистари нармро мегирад. Ку, паси ҳам ба сӯйи оғил марш! Аз пойи рост: як-ду-се...

Муаллим роҳи наҳрро пеш гирифт. Ба тани бачаҳо раъша давид ва лаб ба тазаррӯъ кушоданд:

— Муаллимҷон, як бор бубахшед, дигар такрор намешавад.

Муаллим сари инкор ҷунбонд:

— Намешавад. Шумоёнро бояд ҳабс кард. Вагарна такрор даст ба дуздӣ мезанед.

Ин ҳангом бобои Мирзомурод, харашро «иш»-гӯён, ба манзил расид. Одатан, мӯйсафед, дар вақти гуфтугӯ аз рӯйи ҳурмат, ба номи писараш вожаи «домулло»-ро илова мекард.

Бобои ба ҳайрат афтода суол кард:

— Домулло, бахайр аст?

— Падар, то омадани милиса инҳоро дар оғил зиндонӣ карданиям. Шумо дар бозор, ин «шербача»-ҳо вориди ҳота гашта, ҳандалак дуздидаанд. Бояд ҷазояшонро гиранд.

Бобои Мирзомурод харро дар симчӯб басту остини дастони серрагу паяшро барзада, садо баланд кард:

— Ҳай-ҳай, биист, биист! Шитоб накун, домулло. Инҳо фарзандони мананд. Ман ҳандалакро барои онҳо кошта будам. Хӯрда бошанд, ош шавад.

Ҳама ба назди чимдевори таъмиршуда рафтанд. Муаллими Бухор ба фаҳмондан шурӯъ кард:

— Падар, шайтонбачаҳо ҳамин ҷойи деворро рахна карда, ба дуздӣ даромадаанд. Водор намудам, ки таъмир кунанд.

Бобо чимдеворро дақиқ аз назар гузаронда, бо даст ба тахтапушти бачае, ки ларзида меистод, сабук тап-тап зада гуфт:

— О бачаҳои ширин-е, худ ҳамин ҷойи девор пасту ноҳамвор буд, таъби дил таъмир кардаед. Худо ба умратон биафзояд!

Муаллими Бухор ба таври сохта эътироз кард:

— Падар, шумо фарзандонатонро беасос ҷонибдорӣ мекунед.

— Оё мешавад бачаҳои ширинтар аз шакарро ҷонибдорӣ накард, домулло?

Муаллими Бухор мехост чизе бигӯяд, вале бобо сухани ӯро бурид:

— Домулло, бачаҳоро ба ҳоли худ гузору пайи корат шав. Бо онҳо худам суҳбат мекунам.

Бобо сипас ба ҷониби наҳр чанд қадам гузошта, дари чӯбини ҳотаро кушоду бачаҳоро ба наздаш хонд. Бачаҳо пасу пеш вориди ҳота шуданд. Ӯ яктаҳашро ба дари чимдевор овехту полакҳоро ба тагурӯ кардан даромад. Бачаҳо, ҳарчанд нафаҳмиданд, ки мӯйсафед чӣ ният дорад, итоаткорона ба дунболаш рафтанд. Бобо ҳандалакҳои расидаро аз байни баргҳои паҳну сабзи полак берун оварда, ба бачаҳо медод.

— Бачаҳоям, гиред, ин ҳама барои шумо. Ҳар қадар метавонед, бо худ баред. Бачаҳо ҳар кадом се-чор ҳандалак дар даст аз полиз берун омаданд. Бобои Мирзомурод бо меҳрбонӣ дасти навозиш ба сари ҳар кадом ниҳода гуфт:

— Писаронам, дар хона аз ҳандалакҳои шаҳдбор басерӣ баҳра баред. Агар боз ҳандалак хӯрдан хоҳед, ба худам муроҷиат кунед. Маъқул?

Бачаҳои аз карда пушаймон, дар ҳолате ки ашк дар чашмонашон ҳалқа мезад, шоми дер роҳи хонаҳояшонро пеш гирифтанд.

Абдуқайюм БЕККАМОВ.

МУАРРИФИИ ДЕВОНИ ШОИРИ ЗУЛЛИСОНАЙНИ ТОҶИК

(Аввалаш дар саҳ.3).

– Асосан Мирзо Абдуллоҳи Бокӣ ба забони форсии тоҷикӣ эҷод кардааст. Вай ҳанӯз зимни таҳсил дар мадрасаи Хӯқанд ба омӯзиши эҷодиёти Мавлоно Ҷомӣ, Навоӣ, Бедил, Ҳофиз, Ҷалолиддини Балхии Румӣ, Фузулӣ ва дигарон камар баста, сонӣ дар пайравӣ ба онҳо шеър эҷод намудааст. Гузашта аз ин, бо овози хубу марғуладор базму маҳфилҳоро шукӯҳ бахшидааст, – қайд намуд Ойбек Барзиев. – Адабиётшиноси маъруфи рус Евгений Бертелс ба фаъолият ва дониши Мирзо Абдуллоҳ Бокӣ баҳои баланд додааст. Ба таъбири ин олим Бокӣ дар байни адибони хеле маъруфи қарни бистум аз шумори симоҳои барҷаста унвон гирифтааст. Инчунин дар чандин тазкираву рисола ва баёзҳо, аз қабили «Тазкираи Қайюмӣ», «Назм ва наср», «Каломи мӯйсафедон» ва амсоли он номи ӯ ба сифати адиб ва манбаъшинос ёдоварӣ шудааст, – афзуд ӯ.

Маълум шуд, дар китоби «Гулдастаи Бокӣ» он ашъори Мирзо Абдуллоҳи Бокӣ гирдоварӣ ва мавриди нашр қарор гирифтааст, ки асосан ӯ бо хати арабиасоси форсӣ эҷод кардааст. Ба гуфтаи Ойбек Барзиев дар мавриди хондану ба хати кирилӣ баргардон кардани он як идда олимони манбаъшиноси тоҷику ӯзбек дасти кумак дароз намуданд.

Дар маросими рӯнамоии ин китоб профессорон ва дотсентҳо Афтондил Эркинов, Сайфиддин Рафиддинов, Юлдошхӯҷа Солиҷонов, пажуҳишгар аз шаҳри Хуҷанди Тоҷикистон Азизҷон Алӣ, омӯзгори бознишаста ва яке аз фарҳангу забондӯстони хуррамободӣ Сайфиддин Иноятов, инчунин як идда мухлисони мероси ғановатманди Мирзо Абдуллоҳи Бокӣ оиди паҳлӯҳои осори ӯ сухан ронданд.

Риштоншаҳр дар масири Роҳи бузурги абрешим қарор дорад. Он шаҳрест, ки ба таъбири Мирзо Абдуллоҳи Бокӣ, «ҳанӯз се ҳазор сол муқаддам арзи вуҷуд намудааст ва ҳатто, то давраи пеш аз милод ба мақоми шаҳр соҳиб гашта, то истилои араб Кӯҳанд ва Марғилонро таҳти тасарруфи худ доштааст».

Мирзо Абдуллоҳи Бокӣ бар он аст, ки Риштон маскани алломаҳо ва донишмадони бузург мебошад. Он баробари шаҳрҳои кӯҳани Ахсикент, Қува, Ӯш, Ӯзган дар чаҳор иқлим маълуму машҳур гаштааст. Дар ин ҷо алломаи фиққ, муаллифи «Ал-Ҳидоя» Бурҳонуддини Риштонӣ ба дунё омада, аҳли исломро бо донишу заковати худ ба ҳайрат овардааст.

Ногуфта намонад, зодаи ин шаҳр – Муҳаммадҷон Қосимов нахустин шахсест, ки дар Тоҷикистон ба унвони баланди «Ҳунарпешаи мардумии Иттиҳоди Шӯравӣ» сазовор дониста шудааст.

Як гурӯҳ ҷавонон намунаҳо аз ашъори Мирзо Абдуллоҳи Бокиро ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ қироат карданд. Маҳфили мазкурро дастаи ҳунарии кохи фарҳанги ноҳияи Риштон шукӯҳи тоза бахшид.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».
Вилояти ФАРҒОНА.

Намунаҳо аз ғазалҳои Мирзо Абдуллоҳи Бокӣ

Эй, ғамат бар ошиқонат аз гулистон хубтар,
Доғи ҳиҷронат зи рӯйи маҳҷабинон хубтар.

Як замон дардат нагӯям,
мешавад ҷонам хароб,
Дарди ту гуфтан ба ман аз айши даврон хубтар.

Рози дил бо кас нагӯям ҳар ҷафо бинам зи ту,
Ҷабри зулмат з-илтифоти нозанинон хубтар.

Гулшани боғи Ирам бе рӯйи ту даркор нест,
Хору хошоки дарат аз шохи райҳон хубтар.

Шод шав дар ин ҷаҳони пурғаму дарду алам,
Эй, лабат аз ғунчаи сад барги хандон хубтар.

Улфати ағёр гаштӣ, мекунӣ бар ман итоб,
Оҳ, ин бераҳмият аз лутфу эҳсон хубтар.

Нолаи Бокӣ биёву бишнаву қатлаш бикун,
Куштаи теғи ту гаштан з-оби ҳайвон хубтар.

***

Мани бе дасту по рӯйи ту дидан орзу дорам,
Набинам рӯйи ту, номат шунидан
орзу дорам.

Чаро гирён набошам, аз висоли ту
басо дурам,
Муяссар кай шавад бо ту расидан,
орзу дорам.

Зи ҷӯши гиря ҳарду дидаам азбаски
бенур аст,
Ғуборатро ба ҷисми худ кашидан
орзу дорам.

Ниҳодам рӯ ба дашти пурбало,
бисёр лабхушкам,
Зи шаҳри ҳарду лабҳоят чашидан
орзу дорам.

Маро умрест савдоӣ, шунав ин муддаои ман,
Зи ғаб-ғабҳои симинат макидан орзу дорам.

Нигори гулъузори ман, ба ҷони нотавони худ,
Зи наштарҳои мижгонат халидан
орзу дорам.

Ало, бе бода масти ман, ту Бокиро
иҷозат дех,
Чу саг гирди дару бомат давидан
орзу дорам.



СУРАТҲОИ ТАҶРИБАОМӮЗИ ҶАВОН БА НАМОИШ ГУЗОШТА ШУД

Дар Толори фарҳанги байналхалқии ба номи Икуо Хираямаи Академияи бадеии Ӯзбекистон нахустнамоиши рассоми ҷавон Нигина Ҷумъаназарова таҳти мавзӯи «Аслият» баргузор гардид.

Аз намоишгоҳ беш аз 30 намунаи эҷоди рассом ҷой гирифтааст, ки дар жанрҳои портрет, манзара ва натюрморт офарида шуда, лавҳаҳои таърихии маданияти миллӣ, манзараҳои зебои табиат ва неъматҳои Модар-Заминро ифода намудаанд.

Тасвирҳои рассом «Дар Табақсой», »Дар Оқтош», «Фаранҷӣ», «Бофанда», «Ҷозиба», «Тирамоҳ», «Гулҳо», «Гули офтобпараст», «Кӯза», «Роҳ», «Пазмонӣ», «Хурмоҳое, ки дар барф монданд», «Панҷ сутун», «Умед», «Шаҳри шариф» тамошобинро бефарқ намегузоранд.

Нигина фарзанди Бухорои шариф мебошад. Ӯ дар коллеҷи санъати ба номи М. Ашрафии шаҳри Бухоро таҳсил намуда, соли ҷорӣ Донишкадаи рассомӣ ва дизайни миллии ба номи К. Беҳзодро хатм кардааст.

Ӯ ҳоло дар устохонаи Академияи бадеии Ӯзбекистон ҳамчун таҷрибаомӯз фаъолият дорад.

Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ

Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-1128.
Адади нашр 4180. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор:
М. Шодиев.
Саҳифабанд-дизайнер:
Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 06.30

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337;
Котибот +998555200336.
Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.